# 10700 - Вақти тиловати сураи Каҳф дар рӯзи ҷумъа кадом вақт мебошад?

**савол**

Тибқи суннат, вақти саҳеҳи хондани сураи Каҳф дар рӯзи ҷумъа кадом вақт мебошад? Оё онро пас аз бомдод то намози ҷумъа мехонем, ё дар кадом вақте (бихоҳем) дар он рӯз мехонем? Инчунин, тиловат намудани сураи Оли Имрон дар рӯзи ҷумъа суннат аст? Агар ҷавоб "оре" бошад, пас кай онро бихонем?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар фазли тиловати сураи Каҳф дар рӯз ё шаби ҷумъа ҳадисҳои саҳеҳе аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудааст, аз ҷумла:

А). Аз Абусаиди Худрӣ ривоят шудааст, ки гуфт: **«Касе сураи Каҳфро дар шаби ҷумъа бихонад, байни ӯ ва хонаи Каъба нӯронӣ мегардад».**

Ривояти Доримӣ (3407). Ин ҳадисро Шайх Албонӣ дар "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (6471) саҳеҳ донистааст.

Б). **«Касе сураи Каҳфро дар рӯзи ҷумъа бихонад, байни ду ҷумъа борояш нӯре равшан мегардад».**

Ривояти Ҳоким (2/399) ва Байҳақӣ (3/249). Ибни Ҳаҷар оиди ин ҳадис дар "Тахриҷу-л-азкор" гуфтааст: Ҳадиси ҳасан. Ва боз гуфтааст: Ин ҳадис пурқувваттарин ривоят дар бораи тиловати сураи Каҳф аст.

Ниг: "Файзу-л-қадир" (6/198).

Шайх Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (6470) саҳеҳ донистааст.

В). Аз Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе сураи Каҳфро дар рӯзи ҷумъа бихонад, аз зери пояш то осмон нур медурахшад, ки дар рӯзи қиёмат барояш равшанӣ медиҳад ва барои ӯ (гуноҳони) мобайни ин ҷумъа ва ҷумъаи дигар мағфират карда мешавад».**

Мунзирӣ гуфт: Абубакр ибни Мардавайҳ ин ҳадисро дар тафсири худ бо санади беишкол ривоят кардааст.

"Аттарғибу ва-т-тарҳиб" (1/298).

Сураи Каҳфро дар шаб ё рӯзи ҷумъа мехонӣ. Шаби ҷумъа аз ғуруби офтоби рӯзи панҷшанбе оғоз мешавад ва рӯзи ҷумъа бо ғуруби офтоб ба охир мерасад. Аз ин хотир, вақти тиловати он, пас аз ғуруби офтоби рӯзи панҷшанбе то ғуруби офтоби рӯзи ҷумъа мебошад.

Ал-Муновӣ гуфтааст:

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар китоби "Амолӣ"-и худ гуфтааст: Дар баъзе ривоятҳо "рӯзи ҷумъа" омадааст ва дар баъзе ривоятҳо "шаби ҷумъа" омадааст. Ин ривоятҳоро ҷамъ кардан мумкин аст. Мақсад аз он, рӯз бо шабаш ва шаб бо рӯзаш мебошад.

"Файзу-л-қадир" (6/199).

Инчунин Ал-Мунавӣ гуфтааст:

Тиловати он дар рӯзи ҷумъа ва инчунин дар шаби он суннат аст, чуноне ки Шофеӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) бар он тасреҳ кардааст.

"Файзу-л-қадир" (6/198).

Ҳадисҳои саҳеҳе дар мавриди тиловати сураи Оли Имрон дар рӯзи ҷумъа ворид нашудааст. Ҳар ривояте, ки дар ин бора омадааст, хеле заиф ё мавзӯъ (бофташуда) мебошад.

Аз Ибни Аббос ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «**Касе сураи Оли Имронро дар рӯзи ҷумъа бихонад, Аллоҳ ва фариштагонаш то**

**ғуруби офтоб бар ӯ дуруд мефиристанд».**

Табаронӣ ин ҳадисро дар "Ал-Муъҷаму-л-авсат" (6/191) ва дар "Ал-Кабир" (11/48) ривоят кардааст.

Ҳадис хеле заиф ё мавзӯъ аст.

Ҳайсамӣ гуфтааст: Табаронӣ он ҳадисро дар "Ал-Авсат" ва "Ал-Кабир" ривоят кардааст ва дар (санади) он Талҳа ибни Зайди Раққӣ вуҷуд дорад, ки ӯ хеле заиф мебошад.

"Маҷмаъу-з-завоид" (2/168).

Ибни Ҳаҷар гуфтааст: Талха хеле заиф аст. Аҳмад ва Абудовуд ӯро ба бофтани ҳадисҳо муттаҳам (айбдор) кардаанд.

Ниг: "Файзу-л-қадир" (6/199).

Шайх Албонӣ гуфтааст: (Ин ҳадис) мавзӯъ (бофташуда) аст. Ба ҳадиси рақами: (5759)-и китоби "Заифу-л-ҷомиъ" нигаред.

Аз ҷумла ҳадисе, ки Таймӣ дар китоби "Аттарғиб" ривоят кардааст: **«Касе ки сураи Бақара ва Оли Имронро дар шаби ҷумъа бихонад, барояш подоше ба монанди миёни замини ҳафтуму осмони ҳафтум дода мешавад».**

Ал-Мунови гуфтааст: Он (ҳадис) хеле ғарибу заиф аст. "Файзу-л-қадир" (6/199).

Аллоҳ донотар аст.